**ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО**

# НИЗОМНОМАИ

## ФОНДИ ВАСОИТИ БАҲОДИҲӢ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО

ДУШАНБЕ 2019

«ТАСДИҚ МЕКУНАМ”
Раиси Шӯрои олимони МДТ
ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино
д.и.т., профессор Гулзода М.К.__________
26 июня 2019г.

# НИЗОМНОМАИ

## ФОНДИ ВАСОИТИ БАҲОДИҲӢ
## МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ
## ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН
## БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО

ДУШАНБЕ 2019

## Мундариҷа

1. Муқаррароти умумӣ............................................. 3
2. Мақсад ва вазифаҳои ФВБ.................................... 4
3. Ташкил ва тасдиқи ФВБ...................................... 5
4. Масъулият барои ташкили ФВБ.............................. 6
5. Сохти шаҳодатномаи маводи тестӣ доир ба фан......... 7
6. Талабот ба таҳияи супоришҳои тестӣ ........................ 8
7. Талабот ба нашри дастурҳои таълимию методӣ барои муҳассилин........................................................... 13

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Низомномаи мазкур тартиби таҳия ва талабот ба сохтор, мундариҷа ва барасмиятдарорӣ инчунин тарзи ҳамрайъӣ, тасдиқ ва ҳифзи **фонди васоити баҳодиҳӣ** (минбаъд-**ФВБ**) барои назорати дониши донишҷӯён оид ба фаннҳои барномаи таълимӣ, ки дар МДТ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино» омӯзонида шуда, ба ҳамаи кафедраҳои донишгоҳ тааллуқ дорад, таъмини раванди таҳсилотро муқаррар менамояд.

1.2. Низомнома мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маориф аз 22 июли соли 2016 таҳти №1004, стандартҳои давлатии таълимии таҳсилоти олӣ, Оинномаи Донишгоҳ таҳия гардидааст.

1.3. ФВБ қисми таркибии таъмини меъёрию методии ситемаи баҳодиҳии сифати азхудкуни донишҷӯён мебошад.

1.4. ФВБ ба ҳар як фанне, ки мутааллиқи кафедра мебошад, таҳия мегардад.

1.5. ФВБ оид ба тахассус аз маҷмӯи васоити баҳодиҳӣ ба ҳама фан мутобиқи **барномаҳои умумитаълимӣ (БУТ)** ба расмият даровварда мешавад.

1.6. ФВБ дорои маҷмӯъи маводҳои назоратӣ барои муқаррарнамоии тавозуни натиҷаҳои муайяни омӯзиш мебошад.

1.7. ФВБ доир ба фан ҳангоми гузаронидани назорати ҷорӣ ва ҷамъбасти миёнамуҳлати аттестатсияи донишҷӯён истифода бурда мешавад.

1.8. ФВБ ба **маҷмӯаи таълимию методии (МТМ)** фан дохил мешавад.

1.9. ФВБ аз воситаҳои баҳодиҳии таҳиянамудаи муассиса ба расмият даровардa мешавад.

## 2. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ ФОНДИ ВАСОИТИ БАҲОДИҲӢ

2.1. Мақсади ташкили ФВБ-и фан ин муайяннамоии мутобиқати сатҳи омода намудани донишҷӯён ба марҳилаи мазкури омӯзиши талаботи барномаҳои кории фанни таълимӣ мебошад.

2.2. ФВБ доир ба фан чунин вазифаҳоро ҳал менамояд:

- назорат ва идоракунии раванди азхудкунии донишҳои зарурӣ аз ҷониби донишҷӯён, донистани сатҳи расмиёти салоҳиятнокӣ, муқаррарнамоии доир ба ихтисосҳои дахлдор;
- назорат (бо ёрии интихобивоситаҳои баҳодиҳӣ) ва идоракунии (бо ёрии элементҳои робитаи муттақобила) ба натиҷаҳои мақсаднок расид барои ҷоринамоии БУТ, муайянамуда дар шакли интихоби салоҳиятнокии хатмкунандагон;
- таъмин намудани мутобиқати натиҷаи омӯзиши вазифаҳои фаъолияти касбии оянда тавассути такмилдиҳии методҳои анъанавӣ ва ҷорисозии методҳои инноватсионии омӯзиш дар раванди таҳсилоти МДТ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино».

2.3. ФВБ бояд дар асоси принсипҳои калидии баҳодиҳӣ ташаккул ёбад:

- валиднокӣ (объектҳои баҳодиҳӣ бояд ба ҳадафҳои гузошташудаи омӯзиш мутобиқ бошанд);
- эътимоднокӣ (истифодаи стандартҳо ва маҳакҳои якхела ҷиҳати баҳодиҳии дастовардҳо);
- объективият (донишҷӯёни гуногун бояд имкониятҳои баробар баҳри ноилгардӣ муваффақият дошта бошанд).

2.4. Хусусиятҳои асосии ФВБ инҳоянд:

- самти фаннӣ (мутобиқати мавзӯи омӯзиш ба фанни таълимии мушаххас);
- мазмун (таркиб ва алоқамандии воҳидҳои сохторӣ, ки мазмуни назариявӣ ва амалии фанни таълимиро ташкил медиҳанд);
- ҳаҷм (таркиби миқдории воситаҳои баҳодиҳӣ, ки ба ФВБ дохиланд);
- сифати воситаҳои баҳодиҳӣ ва ФВБ дар умум, ки ноилшавӣ ба натиҷаҳои объективӣ ва боэътимод зимни гузаронидани назорат бо мақсадҳои гуногунро таъмин месозад.

## 3. ТАШКИЛ ВА ТАСДИҚИ ФОНДИ ВОСИТАҲОИ БАҲОДИҲӢ

3.1. Зимни ташкили ФВБ оид ба фан бояд мутобиқати он таъмин шавад бо:

- стандартҳои таълимӣ аз рӯйи тахассус;
- стандартҳои таълимӣ ва нақшаҳои таълимӣ аз рӯйи тахассус;
- барномаи кории фан;
- технологияҳои таҳсилот, ки дар тадриси фанни мазкур истифода мегарданд.

3.2. Таъйин намудани воситаи баҳодиҳӣ истифодаи онро баҳри ченкунии натиҷаҳои омӯзиш оид ба як мавзӯъ (фасл) ва ё маҷмӯи мавзӯъҳо (фаслҳо), фан (модул) дар умум муайян менамояд.

3.3. Сохтори ФВБ доир ба фан:

- варақаи титулӣ (замимаи 1);
- шаҳодатномаи ФВБ (замимаи 2);
- маводҳои санҷишию имтиҳонӣ, ки маҷмӯи билетҳои имтиҳонии дар шакли муқарраршуда тасдиқгардидаро дар бар мегиранд ва/ё

саволҳо, супоришҳои барои санҷиш ва маводҳои дигар (замимаи 3);

- маҷмӯи супоришҳои тестие, ки бо тартиби ҳатмӣ оид ба фанҳои тамоми қисмҳои нақшаи таълимӣ таҳия гардидаанд;
- маҷмӯи воситаҳои баҳодиҳии дигар (вазифаю супоришҳои навъӣ, маҷмӯи ҳолатҳои проблемавие, ки ба фаъолияти касбии оянда марбут аст, сенарияи бозиҳои корӣ ва монанди инҳо), ки баҳри баҳодиҳии сатҳи ташаккулёбии салоҳиятнокӣ дар марҳилаҳои муайяни омӯзиш лозиманд.

3.4. Ба ҳар як воситаи баҳодиҳӣ дар ФВБ бояд маҳаки баҳодиҳӣ оварда шавад.

3.5. Дар таркиби ФВБ ҳатман бояд воситаҳое дохил гарданд, ки дар фасли дахлдори барномаи кории фан дарҷ шудаанд.

3.6. ФВБ-и таҳияшудаи фан, баъди дар ҷаласаи кафедра ҷонибдорӣ гаштан дар **ШИМ-и тахассусӣ** мувофиқа ва тасдиқ шуда, барои тасдиқ ба ШИМ-и МДТ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино», пешниҳод мешавад.

3.7. Қарор оид ба таҷдид, тағйирот, барҳамдиҳии пакети ФВБ аз ҷониби таҳиягар қабул шуда, дар **маҷмӯи таълимӣ-методӣ** (МТМ) инъикос меёбад.

## 4. МАСЪУЛИЯТ БАРОИ ТАШКИЛИ ФОНДИ ВАСОИТИ БАҲОДИҲӢ

4.1. Иҷрокунандаи масъул барои ташкили ФВБ мудири кафедрае, ки фанни мазкур ба кафедраи ӯ дахл дорад, мебошад.

4.2. Иҷрокунандаи бевоситаи ташкили ФВБ аз ҳисоби ҳайати профессорону омӯзгорони кафедра таъйин карда мешавад.

4.3. Мураттиби воситаи баҳодиҳӣ барои сифати таҳия, дурустии

тартибдиҳӣ ва ба расмиятдарории воситаи баҳодиҳӣ масъулиятро ба зимма дорад.

4.4. Корҳое, ки ба таҳияи ФВБ марбутанд, ба нақшаи инфиродии омӯзгор ворид мегарданд.

## 5. СОХТИ ШАҲОДАТНОМАИ МАВОДИ ТЕСТӢ ОИД БА ФАННИ________________________

**Дар шаҳодатномаи мазкур саволҳо тибқи рақам қайд гардида, натиҷаи дурусти ҷавоби ҳар як савол тибқи ҳуруфӣ нишон дода мешавад.**

| № | Номгӯи пунктҳо | Аҳамият |
|---|---|---|
| 1. | Факултет | |
| 2. | Кафедра | |
| 3. | Муаллиф–таҳиягар | |
| 4. | Номгӯйи фан | |
| 5. | Ҳаҷми умумии кор аз рӯйи нақшаи таълимӣ | |
| 6. | Номгӯйи ҷузвдон | |
| 7. | Намуди назорат (заруриаш хат кашида шавад) | воридотӣ, ҷорӣ, ҷамъбастӣ |
| 8. | Барои ихтисосҳо(код нишон дода шавад) | |
| 9. | Микдори супоришҳои тестӣ аз рӯйи тамоми фанҳо | |
| 10. | Микдори супоришҳо зимни тестгирии донишҷӯ | |
| 11. | Аз онҳо ҷавобҳои дуруст бояд бошанд (фисадҳо): | |
| 12. | барои баҳои «аъло» на камтар аз | |
| 13. | барои баҳои «хуб» на камтар аз | |
| 14. | барои баҳои «миёна» на камтар аз | |
| 15. | ёбарои гирифтани баҳои «комёб» на камтар аз | |
| 16. | Вақти тестгирӣ (бо дақиқаҳо) | 45 |

| № | чавоб | № | чавоб | № | чавоб | № | чавоб | № | чавоб | № | чавоб |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | | 31 | | 61 | | 91 | | 121 | | 151 | |
| 2 | | 32 | | 62 | | 92 | | 122 | | 152 | |
| 3 | | 33 | | 63 | | 93 | | 123 | | 153 | |
| 4 | | 34 | | 64 | | 94 | | 124 | | 154 | |
| 5 | | 35 | | 65 | | 95 | | 125 | | 155 | |
| 6 | | 36 | | 66 | | 96 | | 126 | | 156 | |
| 7 | | 37 | | 67 | | 97 | | 127 | | 157 | |
| 8 | | 38 | | 68 | | 98 | | 128 | | 158 | |
| 9 | | 39 | | 69 | | 99 | | 129 | | 159 | |
| 10 | | 40 | | 70 | | 100 | | 130 | | 160 | |
| 11 | | 41 | | 71 | | 101 | | 131 | | 161 | |
| 12 | | 42 | | 72 | | 102 | | 132 | | 162 | |
| 13 | | 43 | | 73 | | 103 | | 133 | | 163 | |
| 14 | | 44 | | 74 | | 104 | | 134 | | 164 | |
| 15 | | 45 | | 75 | | 105 | | 135 | | 165 | |
| 16 | | 46 | | 76 | | 106 | | 136 | | 166 | |
| 17 | | 47 | | 77 | | 107 | | 137 | | 167 | |
| 18 | | 48 | | 78 | | 108 | | 138 | | 168 | |
| 19 | | 49 | | 79 | | 109 | | 139 | | 169 | |
| 20 | | 50 | | 80 | | 110 | | 140 | | 170 | |
| 21 | | 51 | | 81 | | 111 | | 141 | | 171 | |
| 22 | | 52 | | 82 | | 112 | | 142 | | 172 | |
| 23 | | 53 | | 83 | | 113 | | 143 | | 173 | |
| 24 | | 54 | | 84 | | 114 | | 144 | | 174 | |
| 25 | | 55 | | 85 | | 115 | | 145 | | 175 | |
| 26 | | 56 | | 86 | | 116 | | 146 | | 176 | |
| 27 | | 57 | | 87 | | 117 | | 147 | | 177 | |
| 28 | | 58 | | 88 | | 118 | | 148 | | 178 | |
| 29 | | 59 | | 89 | | 119 | | 149 | | 179 | |
| 30 | | 60 | | 90 | | 120 | | 150 | | 180 | |

**Эзох:** Дар графаи чавоб як чавоби дурусти ҳуруфӣ гузошта мешавад (A,B,C,D,E).

Шаҳодатномаро тартиб дод ______________________________

(мураттиб)

Дар ҷаласаи кафедра тасдиқ шудааст.

суратҷаласаи №___аз «__»__________ 20___.

## 6. ТАЛАБОТ БА ТАҲИЯИ СУПОРИШҲОИ ТЕСТӢ

### 6.1. Шаклҳои **супоришҳои тестӣ (СТ)**

1. СТ шакли пӯшида–интихоб намудани ҷавоби дуруст аз маҷмӯи ҷавобҳои дар матни супориш додашуда зарур аст;
2. СТ шакли кушода–бояд мустақилона ҷавобро пешкаш намуд;
3. СТ мутобиқат–бояд мутобиқати байни унсурҳои ду маҷмааро муайян намуд;

4. СТ барои муқаррар намудани пайдарҳамии дуруст - бояд тартиби ҳаракат ва равандҳо нишон дода шавад.

### 6.2. Талаботи умумӣ

- СТ бояд дар шакли муҳокимаи кӯтоҳе, ки бо забони дақиқ ва истиснокунандаи духӯрагии хулосаи тестсупоранда ба талаботи тасдиқоти тестӣ, пешниҳод гардад;
- мазмуни супориш бояд ба талаботи Стандарти таҳсилот ҷавобгӯ бошад;
- қабл аз супориши аввал, то басти навъи супориш бояд дастур бошад: «як ҷавоби дурустро интихоб намоед ё якчанд ҷавоби дурустро интихоб намоед»;
- бояд ба вожаҳо ё ҷумлаҳои раҳнамункунанда роҳ дода нашавад (нодуруст: ба мафҳум, ... дуруст: мафҳумҳо...);
- Ҳамаи вариантҳои дурусти ҷавобҳо бояд бо қисми асосии супориш аз ҷиҳати имлоӣ мутобиқат намоянд;
- Супоришҳо бояд ба тарзи муқаррароти тасдиқӣ мураттаб карда шавад, ки бо он санҷишшаванда розӣ ва ё норозӣ гардад, на ин ки савол ба миён орад;
- калимаҳои «кадом як», «чизе», «ким-кадом», «на,» «не», «ҳеҷ гоҳ», «шояд», «ё», «мумкин» истисно мешаванд;
- ҷавобҳои манфии навъи «не», «ҳама, ба ғайр аз» аз ҷиҳати дидактикӣ зарароваранд, чунки ба фаромӯшхотирӣ бурда – ҷавоби нодуруст дар хотир мемонад;
- «ҳамаи номбаршудаҳо» инчунин тавсия дода намешавад, махсусан, дар сурате, ки дар супоришҳои алоҳида вомехӯранд – ба ҳар ҳол ин ҷавоби дуруст аст;

- супоришҳоро бо якчанд ҷавобҳои дуруст таҳия кардан беҳтар аст, аз он ки бо як ҷавоби нодуруст ё ҷавоб-луқма додан;
- ҷавоб ба саволи гузоштагшуда набояд аз ҷавобҳои пешинаи донишҷӯ вобаста бошад;
- шакли СТ даркшаванда бояд бошад ва шарҳи иловагиро оид ба тарзи воридсозии хулосаи тестсупоранда талаб накунад;
- вақти миёнаи пешниҳод намудани СТто 2 дақиқаро ташкил дода, вақти аксари пешниҳоднамоӣ набояд аз 5 дақиқа зиёд бошад;
- дарозии супориши тестӣ набояд аз 250 рамз зиёд ё аз 4 сатри матни экранӣ (ё на бештар аз 15 калима) бештар бошад; дарозии ҷавоб набояд аз 50 рамз зиёд бошад;
- СТ метавонад расмҳои тафсирӣ дошта бошад;
- шаклдиҳии супориш, варианти ҷавоб, расмҳо бояд дар як экран (дар ҳолати барномаҳои тестии электронӣ) ҷой дода шаванд;
- шаклдиҳии мазмун бояд ба шаклҳои асосии СТ мутобиқат намоянд (аммо бартарият ба СТ шакли кушода дода мешавад);
- миқдори вариантҳои ҷавобҳо на камтар аз 3-то, вале на зиёда аз 10-то буда метавонад;
- таҳияи СТ набояд бо пешоянд шуруъ шавад;
- мавҷудияти калимаҳои (вожаҳои) такроршаванда дар вариантҳои ҷавобҳо манъ мешавад;

6.2.1. **Талабот ба СТ-и шакли кушода (ШК)**

- Зимни ҷавоб ба СТ ШК таълимгирандагон калима, формула ё рақами партофташударо дар ҷои холӣ менависанд,
- СТ бояд дақиқ ва якмаъно бошад;
- Холигӣ дар ҷойи истилоҳи калидие, ки донистани он барои

маводи назоратӣ муҳим аст, гузошта мешавад; ҳамаи холигиҳо дар СТ ШК барои як супориш бо дарозии баробар (1-2 калима) тавсия дода мешавад;

- Дар раванди таҳия намудани СТ ШК бояд конструксияҳои мураккаби синтаксисӣ сода гардонда шаванд;
- Барои СТ ШК истифода намудани дастуре, ки иборат аст аз ду калима аст: «Илова кунед» тавсия дода мешавад.

6.2.2. **Талабот ба СТ шакли пӯшида (ШП)**

- дар супориш кисми асосии тасдикшуда, масъалахои дахлдор ва чавобхои тайёр муқаррар мегардад;
- дар қисми асосии СТ ҳатман бояд ҷавобҳо зиёд бошанд ва онҳо шумораашон набояд аз 2-3 вожаҳои калидӣ иборат бошанд;
- ҷойи оби дуруст мунтазам интихоб мегардад ва набояд дар он нигаронӣ бошад;
- аз шумори ғалатҳо ҷавобҳо истисно мегарданд, инчунин ба ҷавобҳо ин ибораҳо « ҳамаи ҷавобҳо нодуруст » ва «ҷавоби дуруст нест » мансубанд:
- СТ чунин дастурро раҳнамоӣ мекунад: «Рақами ҷавоби дурустро интихоб намоед» ё «Рақами ҷавоби дурустро чинед » ва ё «Мушакро оиди ҷавоби дуруст пахш кунед»

6.2.3. **Талабот ба СТ барои мутобиқат (БТ)**

- дар СТ алоқамандии дониши элементарии байни ду гуногунӣ мутобиқан санҷида мешавад;
- аслан гуногунии мазкур аз тарафи чап гузаронида мешавад, аз тарафи рост бошад элементҳои интихобӣ (баъзан ин принсипӣ нест)

- шумораи элементҳо оид ба гуногунӣ шояд номувофиқ бошад ва ин сатҳи мураккабии СТ-ро афзун кунад;
- ба СТ БТ раҳнамои стандартӣ, ки аз се калима: «Мутобиқатро муайян намоед» иборат аст, пешниҳод мегардад;
- ҳангоми таҳия заҳмат бо интихоби элементҳои гуногунии дуюм ва натиҷанокии СТ ниҳоят паст мегардад, агар ин элементҳо аз ҷониби донишҷӯён соддатар баррас гардад;

6.2.4. **Талабот ба таҳияи СТ барои муайяннамоии пайдарҳамии дуруст (МПД):**

- СТ МПД барои баҳодиҳии сатҳи азхудкунии фаъолияти пайдарҳамӣ, баландҳо, ҳисоббарориҳо ва монанди инҳо таъин гардидааст:
- дар СТ МПД фаъолият ё раванди ба супоришҳои муайян алоқаманд буда, донишҷӯ бояд тартиби фаъолияти тавсияшударо дуруст муқаррар намуда, ҷойи хосу муайянбударо бо ёрии рақам нишон диҳад, бо тартиби муайян ва дар ҷойи муайяншуда гузаронад.
- раҳнамо ба СТ чунин намуд дорад: «Пайдарҳамии дурустро муайян намоед»
- бартарии СТ МПД: барои баҳодиҳии сатҳи омоданамоии касбияти донишҷӯён ва новобаста ба алоқамандии фаъолиятиояндаашон мусоид аст,

### 6.3. Барасмиятдарории шрифтии СТ

- матни супориш бо ҳарфҳои калон ва варианти ҷавобҳо боҳарфҳои хурд навишта мешавад;
- аломатҳои китобат байни супориш ва вариантҳо, байни варианту

баъд аз охир гузошта намешавад;

- супоришро бояд ба таври маҷмӯавӣ ва максималӣ дар раванди кор амалӣ намуд;
- варианти ҷавобҳо бояд рақамгузорӣ карда шавад;
- тавозуни матн (супоришҳои тестӣ ва варианти ҷавобҳо), сатҳи он на ба самти чап ё марказ, балки бо паҳнои мутобиқ бошад;
- байни рақами супориш ва матни вариантҳои ҷавобҳо беҳтараш пробели ҷудонашаванда (Ctr+Shf+пробел) гузошта шавад;

## 7. ТАЛАБОТ БА НАШРИ ДАСТУРҲОИ ТАЪЛИМИЮ МЕТОДӢ БАРОИ МУҲАССИЛИН

Ҳангоми омода намудани дастури таълимӣ бояд ба инобат гирифта шавад:

- зарурияти асосноки нашри дастури мазкур (барои кӣ таъин шудааст, маълумотҳои нав пешниҳод шудааст, таснифи муосир, табобат, маводи на он қадар дар китобҳо дарҷгардида ва монанди он), барои аз худ намудани фанни омӯзишӣ бо мазмуну мундариҷа ва мӯҳтавои он;
- муайян намудани мутобиқати нашри банақша гирифта шудаи СД ТО, БУТ ва барномаҳои кории фан бояд амиқ гардад;
- 2 тақризи беруна барои дастур гирифта шавад (омӯзгорони кафедраҳои ҳамноми мактабҳои олии дигар шаҳрҳо ва корфармоён дар ҷадвали варианти гурӯҳӣ)
- маводе, ки нашр мешавадбо нақшаи тамсилавӣ ба расмият даровварда мешавад:

а) ҳаҷми 70-120 саҳ.

б)мундариҷа (сарсухан)

в) ворид намудани маводи асосӣ (сарсухан, мавод, адабиёти тавсияшудаи асосӣ ва иловагӣ, супоришҳои тестӣ ва ҳолатӣ, эталони ҷавобҳо);

- дар ҷаласаи кафедра ШИМ-и тахассусӣ, ШИМ-и МДТ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино» тасдиқ карда шавад;

б) дастур ба ШИМ-и МДТ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино» дар шакли электронӣ ва чопӣ (ф.А4) ва нусхаҳои замимагардидаи суратҷаласаҳои маҷлисҳои кафедра, ШИМ-и тахассусӣ ва нусхаи тақризҳо (нусхаи аслиашон дар кафедра ҳифз мегарданд) манзур мешавад.

## 8) НАМУНАИ БА РАСМИЯТДАРОРИИ ТАҚРИЗҲО БА ДАСТУРҲОИ ТАЪЛИМӢ

(китоб, роҳбарият ва дигар адабиёти таълимию методӣ)

ХУЛОСАИ МУҚАРРИЗ

Ба________________________________________

**(номи дастур (китоб, роҳбарият).**

__________________________________________

**(насаб, ном, номи падари муаллиф (-он), дараҷаи илмӣ ва унвон,ҷойи кор ва вазифа)**

| **Талабот, сифати муайянгардидаи адабиёти таълимӣ** | **Баҳо ба иҷрои талабот (бо хол аз 1 то 10)** | **Эзоҳ** |
|---|---|---|
| Талаботи умумӣ:<br>1.Мутобиқати мазмуни дастури СД ТО ба нақшаи таълимии БУТ,барномаи таълимии фан (бо нишон додани ихтисос ва санаи тасдиқи СД ТО ва нақшаи таълимӣ) | | |

| | | |
|---|---|---|
| Талабот ба мундарича:<br>1. Мукаммалӣ.<br>2. Аёнӣ.<br>3. Мавчудияти супоришҳои тестӣ бо тавзеҳот (супорищҳои ҳолатӣ) | | |
| Талабот ба сифати иттилоот:<br>1. Мутобиқати дастовардҳои ниҳоии илм ва тачрибаи клиникӣ.<br>2. Амиқӣ, эътимоднокӣвамаълумотҳои асосноки овардашуда.<br>3. Истифодаи принсипҳои исботкунии тиббӣ, стандартизатсияи ташхисӣ ва протседураи табобатӣ<br>4. Истифодаи таснифоти охирин ва номгузорӣ.<br>5. Мутобиқати номгӯи воситаҳои доруворӣ ба реестри давлатии воситаҳои доруворӣ.<br>6. Тавозуни методии маводи таълимии пешниҳодгашта, мутобиқати он ба технологияи таҳсилотӣ<br>7. Дарачаи риояи талаботи психологию педагогӣ ба маводи тавсияшуда ва истифодаи он. | | |
| Талабот ба тарзи воридкунӣ:<br>1. Рубрикатсия.<br>2.Системанокӣ, пайдарҳамӣ ва воридкунии муқаррари бе тафсилоти иловагӣ.<br>3. Муайянкунии амиқ, дастрасии он барои дарки курсҳои дахлдори муҳассилин<br>4. Азхудкунии мунтазами истилоҳот.<br>5. Риояи меъёрҳои муосири забони точикӣ<br>6. Интихоби ҳолатҳои калидӣ дар матн бо шрифти нимсиёҳкардашуда (полужирный) ва ё бо тарзи дигар. | | |
| Чамъбасти холҳо | | |

Мавчудияти дигар китобҳо доир ба фанни мазкур.
Хулоса:

______________________________________________

**(Тафсир бо ҳисоби эродҳои саҳифагии муаллиф)**

Мақсаднок (ғайримақсаднок) азхудкунии грифи____________________

Нашриёти пешниҳод намудаи гриф бо нишон додани намуди матбаа, категорияҳои муҳассилин, ихтисосҳо, фанҳо ва ғайраҳо

**Вазифа, дарачаи илмӣ,**
**Унвони илмии ташхисгар,** _________
**Ному насаб.**______________________________ **(имзои ташхисгар)** ___________

**Ч.М.** **Суроғаи чойи кор ва телефон "**__________ **"**________**20**__